ТДУ 338(584.5)

# ТАҲЛИЛИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Абдуалимов Ф.Ҷ.,омӯзгори -ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур**

***Калимаҳои калидӣ:*** *минтақаҳоии озоди иқтисодӣ, сармоягузорӣ, дастгирии бахши хусусӣ, рушди иқтисодии миллӣ, инфрасохтори коммуникатсонӣ, рушди устувори иқтисодӣ.*

Татбиқи иқдомҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати амалисозии ислоҳот дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ, бахусус дар самти беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, дастгирии бахши хусусӣ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои зарурӣ барои рушди соҳаҳои афзалиятнок дар ин давра самараи хуб дода, дар кишвар барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ фазои мусоид фароҳам овард.

Аз аввали солҳои истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти низоми иқтисодиёти миллиро тавассути аз низоми банақшагирии мутамаркази давлатӣ ба иқтисоди бозоргонӣ гузаронидани соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба роҳ монда, дар ин самт як қатор корҳои муҳимро анҷом дод. Дар ин самт барои гузаронидани ислоҳот қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии муайянкунанда ва танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодӣ қабул карда шуданд.

Ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни моликият, ташкили намудҳои мухталифи пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, ҷорӣ намудани пули миллӣ, озод намудани нархҳо, ташкили корхонаҳои муштарак, ташкили савдои озоди хориҷӣ ва ҳалли масъалаҳои афзалиятноки иҷтимоӣ барои тақвияти иқтисодиёти Тоҷикистон қадамҳои ҷиддӣ мебошанд.

Аз нимаи дуюми солҳои 90-ум ислоҳоти иқтисодӣ хусусияти комплексӣ ва мақсаднокро касб намуд ва барои нигоҳ доштани пастравӣ дар истеҳсолот ва таъмини рушди устувори солонаи иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Бинобар ин, бо мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ ба ҶумҳурииТоҷикистон 4 минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис дода шудааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла барои мақсадҳои таъмини аҳолӣ бо ҷои кор, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ: густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар вазифаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ такшил шудаанд.

Минтақаҳои мусоиди ҷойгиркунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ, асосан, чун анъана дар мавзеҳои наздисарҳадӣ, мавзеъҳои аз назари мавҷудияти инфрасохтори коммуникатсонӣ ва иҷтимоӣ тараққиёфта ташкил карда шудааст.

Бо назардошти имкониятҳои мавҷуда барои боз ҳам васеъ намудани ҳудуди минтақа ва ҳарчи бештар ташкил намудани корхонаҳо ва сеххои истеҳсолии саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, ба кор ҷалбкунии захираҳои меҳнатӣ, рушди иқтисодиёти минтақа масоҳати он 521 гектар васеъ гардид.

Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» соли 2009 таъсис дода шуда бошад ҳам фаъолияти кории худро соли 2012 оғоз намуд. Мушкилоти асосии таъсисёбии минтақа ин ба танзимдарории ҳуҷҷатгузорӣ оид ба ҷудо намудани қитъаи замин гардид.

Бояд қайд намуд, ки заминҳое, ки барои таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» ҷудо гардида буданд, дар ҳудуди фурудгоҳи ноҳия Ишкошим қарор дошта, дар тавозуни Корхонаи воҳиди давлатии «Тоҷикаэронавигатсия» буд.

Ҳамзамон, масъалаи мазкур тайи чанд сол тӯл кашида, баъд аз баҳсу музокираҳои зиёд қитъаи замини ҷудогардида ба тавозуни минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» гузаронида шуд.

Вобаста ба ин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии “Ишкошим” ва “Данғара” №74 аз 02 феврали соли 2009 ба тасвиб расид.

Минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» дар ҳудуди ноҳияи Данғара бо масоҳати умумии 521 гектар қитъаи замин ва Минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим» дар ҳудуди ноҳияи Ишкошим бо масоҳати умумии 200,0 гектар қитъаи замин таъсис дода шуд.

**Ҷадвали 1.**

**Сарчашма: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Айни замон дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 67 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла дар МОИ "Суғд" - 23, МОИ "Данғара" - 28, МОИ "Панҷ" - 14 ва "Ишкошим" – 2 мебошанд. Аз миқдори умумии субъектҳои бақайдгирифташуда айни замон - 17 ширкат, аз ҷумла дар МОИ "Суғд" - 12 ва дар МОИ "Данғара" - 3 ва дар МОИ "Панҷ" - 2 ширкат фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва фаъолияти содиротию воридотиро ба роҳ мондаанд, ширкатҳои боқимонда ба оғоз намудани фаъолият ва ворид намудани таҷҳизотҳои технологӣ машғуланд.




**Расми 1. - Масоҳати заминҳои азхудшуда**

Дар маҷмӯъ заминҳои ба минтақаҳои озоди иқтисоди дахлдор 1447 гектарро ташкил медиҳанд. (МОИ "Суғд"- 320 гектар, МОИ "Данғара"-521 гектар, МОИ "Панҷ"- 401,6 гектар ва МОИ "Ишкошим"-200 гектар) мебошанд.

Аз оғози фаъолият масоҳати заминҳои азхудшуда то ин давра ба 178 гектар расидааст, ки аз инҳо дар давраи соли ҳисоботӣ аз МОИ "Суғд"-24 га, МОИ "Данғара"- 143 га, МОИ"Панҷ"-11 га. ва МОИ "Ишкошим"- 0 га иборат мебошанд.

Бояд тазаккур дод, ки масоҳати заминҳои азхудшудаи минтақаҳои озоди иқтисоди қаноатбахш арзёби намегардад, зеро ки аз оғози фаъолияти МОИ, яъне аз соли 2010-2011 то ин давра 27% заминҳои МОИ "Данғара" азхуд карда бошанд, дар МОИ "Суғд" ва МОИ "Панҷ" ин нишондод 7,6 ва 2,7 баробар аст.

Шумораи субъектҳо 2011-2017

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *МОИ "Суғд"* | 13 | 16 | 20 | 24 | 27 | 23 | 23 |
| *МОИ "Данғара"* | 2 | 4 | 16 | 21 | 26 | 27 | 28 |
| *МОИ "Ишкошим"* | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 2 | 2 |
| *МОИ "Панҷ"* | 2 | 7 | 8 | 8 | 8 | 11 | 14 |
| *Ҳамагӣ* | 17 | 27 | 44 | 53 | 61 | 63 | 67 |

**Ҷадвали 2. - Сармоягузориҳои мустақими минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| т/р | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ | Ҳаҷми сармоягузории мустақим, млн.сом |
|---|---|---|
| 1. | МОИ "Суғд" | 50,3 |
| 2. | МОИ "Данғара" | 619,4 |
| 3. | МОИ "Панҷ" | 1,8 |
| | Ҳамагӣ | 671,5 |

***Сарчашма: Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ҳаҷми сармояи мустақими азхудшуда дар Минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Самти асосии фаъолияти маъмурияти минтақа дар марҳилаи аввал аз бунёди инфрасохтори он иборат мебошад. Аз оғози таъсисёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ то ҳамин давра (2010 -2016) бо дастгирии бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бунёди инфрасохтори фаъолият ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа ва нигаҳдорӣ беш аз 32,0 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст, ки аз ин ба МОИ «Суғд»- 4,8 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара»- 12,8 млн. сомонӣ, МОИ «Панҷ»- 6,8 млн. сомонӣ, ва МОИ «Ишкошим»- 7,6 млн. сомонӣ рост меояд, ки ин маблағҳо, асосан барои иҷрои корҳо ба монанди таҳияи лоиҳаҳои сметавӣ, гузаронидани

хати қувваи барқ ва қубурҳои обгузаронӣ, сохтмони иншооти иҳотавӣ, сохтмони бинои дидбонгоҳи гумрукӣ ва ҷиҳозонидан он бо таҷҳизотҳои муҳандисӣ–техникӣ, сохтмони бинои маъмурӣ, сохтмони роҳҳои автомобилгарди ҳудуди минтақа сарф гардидаанд.

## АДАБИЁТ

1.Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон- Душанбе, 22. 12. 2017

2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷиқистон « Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 майи соли 2004, № 24. – Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2004.- № 5, мод. 335.

3.Каюмов Н.К., Умаров Х.У. Глобализация и внешнеэкономические связи Таджикистана- Душанбе: Деваштич, 2005.-192 с.

4.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиқистон « Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 05. 03. 2008 с. таҳти № 103

5. Каримова М.Т. Инвестиционный климат Республики Таджикистан и пути его улучшения/ Известия Академии Наук Республики Таджикистан, 2002.- №1.-С. 65-77

## АННОТАЦИЯ
## АНАЛИЗ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Свободные экономические зоны (СЭЗ) организованы в Республике Таджикистан, с целю обеспечения благоприятных условий для ускоренного развития экономики Республики Таджикистан. Традиционно СЭЗ организовываются в приграничных районах, в местах наличия коммуникационной и социальной инфраструктуры.

## ANNOTATION
## ANALYSIS OF ACTIVITIES OF FREE ECONOMIC ZONES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Free economic zones (FEZs) are organized in the Republic of Tajikistan in order to provide favorable conditions for the accelerated development of the economy of the Republic of Tajikistan. In General, FEZs are traditionally organized in the border areas, in places of availability of communication and social infrastructure

***Key words:*** *Free ecohomic zohes, ihvestmeht, capital, support of private sector,hatiohal ecohomic developmeht, commuhicatioh ihfrastructure, sustaihable ecohomic developmeht.*